ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти матни диссертатсияи унвончӯ Давлатзода Одинашо Муҳаббат пурра ба талаботи шиносномаи ихтисоси 1.5.21.Зоология, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, аз рӯйи бандҳои зерин мувофиқ мебошад:

Банди 1. Таснифот (систематика). Тавсиф ва нишон додани организмҳо, таснифоти онҳо аз рӯйи воҳидҳои гуногуни таснифотӣ (таксонҳо), сохтори фенетикӣ, генетикӣ, морфометрии воҳидҳои таснифотӣ (таксонҳо);

Банди 2. Фауна (фаунистика). Таркиби намудӣ, сохтор ва динамикаи маҷмуи фаунавӣ (фаунистика) аз лиҳози назариявӣ - типологӣ, манзаравӣ - ҷуғрофӣ;

Банди 4. Морфология. Шакл ва сохти зоҳирии ҳайвонот дар инкишофи фардӣ (онтогенез) ва таърихӣ (филлогенез);

Банди 5. Экологияи фардҳо, популятсия ва ҷамоаҳо. Таъсири омилҳои гуногуни муҳит (табиӣ ва антропогенӣ), қонуниятҳои вокуниши ҳайвоноти гуногуни гурӯҳҳои систематикӣ ба ҷузъиёти биотикӣ ва абиотикӣ дар шароити биогеотсенозҳо, ҷанбаҳои амалии экологӣ (муҳофизат ва истифодаи оқилонаи ҳайвонот).

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Аз рӯйи сарчашмаҳои илмии таҳқиқоти муҳаққиқону олимон ва маълумоти Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид дар ҷаҳон ҳар сол аз таъсири ҳашарот, касалиҳо ва алафҳои бегона тақрибан 25- 30 %-и ҳосили рӯёнидаи зироатҳои кишоварзӣ нобуд мешаванд, ки ин хисорот ба таъмини амнияти озуқаворӣ бе таъсир намемонад. Организмҳои зараррасон на танҳо сабаби талафоти маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд, балки ба паст шудани сифати маҳсулот низ сабабгор шуда метавонанд. Аз ин нуқтаи назар дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба зараррасонҳои анор таҳқиқоти илмӣ кам ба назар мерасад ва он ҳам бошад дар шакли фишурдаю мақолаҳои илмӣ дар ҳаҷми маҳдуд ба табъ расидаанд. Бинбар ин, мавзуи интихобкардаи таҳқиқоти илмии унвончӯ Давлатзода Одинашо Муҳаббат «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад, зеро

зараррасонҳои растаниҳои мевадиҳандаи субтропикии дар боғҳо парваришшаванда, аз ҷумла анор дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ӯмӯхта нашудааст. Аз ин сабаб омӯзиши таркиби намудии зараррасонҳои анор ва таҳияи усулҳои мубориза бар зидди онҳо омӯзиши амиқу мукаммалро талаб менамояд. Барои баланд бардоштани ҳосилнокии боғҳои анор дар баробари технологияи парвариши ин пеш аз ҳама сари вақт пешгирӣ кардан аз зараррасонҳо маҳсуб меёбад. Аз натиҷаи таҳқиқоти анҷомшудаи Давлатзода Одинашо Муҳаббат бар меояд, ки қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ аз ҷиҳати шароити иқлимӣ барои парвариши анор ва бунёди анорбоғҳо мусоид мебошад.

Новобаста аз аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ доштани анорпарварӣ дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) таҳқиқоти амиқи илмии мукаммал доир ба таркиби намудӣ, гурӯҳҳои таксономию систематикӣ, осебрасонӣ, паҳншавӣ, хксусиятҳои биоэкологӣ, хусусиятҳои ғизогирӣ, нақши энтомоакарифагҳо ва таҳияи усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳои онҳо анҷом дода нашудааст.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал муаллифи диссертатсия «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо»-ро дар асоси таҳқиқоти бисёрсола ва таҳлили систематикию таксономӣ ба таври мукаммал муайян кардааст. Дар доираи таҳқиқот муаллиф чунин навгониҳоро пешниҳод намудааст:

- дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ бори аввал таркиби намудии ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор муайян карда шуда, хусусиятҳои биоэкологӣ, марҳилаи осебрасонӣ, махсусияти ғизогирӣ ва паҳншавии зараррасонҳои асосии анорро муқаррар кардааст.

Фенология ва осебпазирии навъҳои анор аз оташаки анор., фенология ва зараррасонии ширинчаи анор, зараррасонии кирмаки Комсток, сафедболаки тамоку, гамбусаки зарарнок, тӯронӣ, гарданкутоҳ, канаи сурхи мевагӣ., тортанакканаи муқаррарӣ – *Tetranychus urticae* Koch., канаи анор, ҳамчунин, сафедболаки тамокӯ ё пахта паҳнкунандаи касалиҳои занбӯруғии анорро ошкор намудааст. Нахустин маротиба таркиби намудии энтомоакарифагҳо ва нақши баъзе аз намудҳои онҳо дар танзими шумораи ҳашарот ва канаҳои зараррасони анорро аниқ кардааст. Рӯйхати таксономии онҳоро тартиб дода, ҳамзамон самаранокии усулҳои мубориза (биологӣ, кимиёвӣ, агротехникӣ ва механикӣ) бар зидди зараррасонҳои анор таҳия, коркард ва муайян кардааст.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва актуалӣ мебошанд, ки онҳо ҷунинанд:

– аз ҷониби диссертант исбот карда шудааст, ки таркиби намудии зараррасонҳои анор аз ҷиҳати систематикӣ гуногун буда, ба анор дар маҷмуъ 32 намуд ҳашарот ва 6 намуди канаҳо осеб мерасонанд. Унвонҷӯ барои саҳеҳии кори илмӣ рӯйхати таксономии зараррасонҳои анорро низ тартиб додааст. Зимни мушоҳидаҳо диссертан хусусиятҳои биологӣ, махсусияти ғизогирӣ, марҳилаи зараррасонии зараррасонҳои асосии анор дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ошкор гардида, динамикаи шумора ва паҳншавии намудҳои хавфноки зараррасони анор муайян гардидааст.

– таркиби намудии ҳашароти фоидаовар (энтомофагҳо ва акарифагҳо) муайян гардидааст, ки 24 намудро дар бар мегиранд ва нақши баъзе аз намудҳо дар коҳиш додани зараррасонҳои анор муайян карда шудаат. Чораҳои мубориза бар зидди зараррасонҳои анор коркард, таҳия ва пешниҳод карда шудаанд. Ҳамин тариқ натиҷаҳои бадастомада дорои навгонии илмӣ буда, аҳаммияти назаррас доранд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо усулҳои умумиқабулгардидаи энтомологӣ амали карда шудааст. Таҳқиқот дар давоми солҳои 2014-2024 дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ гузаронида шудааст. Натиҷаҳои бадастомада бо адабиёти илмӣ муқоиса гардида, коркарди оморӣ, таскономӣ ва таҳлили илмии онҳо анҷом дода шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшудаи муаллиф аз натиҷаҳои воқеии таҳқиқот далолат мекунанд ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти бадастомада бо маълумоти таҳқиқоти муҳаққиқону олимони ватанию хориҷӣ муқоиса ва таҳлил гардида, мувофиқати онҳо эътимоднокию мукаммалии рисолаи илмиро боз ҳам тақвият медиҳад.

Муаллифи диссертатсия дар натиҷаи маълумоти бадастомада тавсияҳои зеринро пешниҳод кардааст:

– пешниҳод шудааст, ки дар анорбоғҳо ҳангоми пайдошавии зараррасонҳои зерин: ба монанди ширинчаи анор, сафедболаки тамоку ё пахта, тортанакканаи муқаррарӣ, кирмаки Комсток, оташаки анор ва мевахӯраки себ бар зидди онҳо мубориза ба роҳ монда шавад.

– унвонҷӯ тавсия додааст, ки барои коҳиш додан ва паст кардани динамикаи шумораи ширинчаи анор – *Aphis punicae* Pass. истифода аз усули муборизаи биологӣ, яъне истифодаи популятсияҳои табиии энтомофагҳо аз қабили коксинеллидҳо, нимсахтболҳои даранда,

тилочашмакҳо, серфидҳо ва ғайра ба роҳ монда шавад.

– бар зидди зараррасонҳои асосии анор: ширинчаи анор – *Aphis punicae* Pass. истифодаи инсектитсиди Талстар, 100 ЭК бо меъёри (0,6 л/га), оташаки анор – *Euzophora punicaella* Morr. Сипар-Т, 250 ЭК (0,4 л/га) ва тортанакканаи муқаррарӣ – *Tetranychihus urticae* C.L.Kocn., Омайт, 570 ЭК (2,0 л/га) ва барои коҳиш додани паҳншавии кирмаки Комсток – *Pseudocaccus comstocki* Kuw. истифодаи усули механикӣ тавсия гардидааст. Ҳамчунин натиҷаҳои ба дастовардашударо барои дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хадамоти фитосанитарӣ ва карантини растаниҳои Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ аз фанҳои энтомологияи умумӣ, энтомологияи кишоварзӣ, энтомологияи ҷангал, зоология, экологияи ҳайвонот, таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ дар Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои истифодаи васеъ тавсия намудааст, ки аҳаммияти хеле баланди амалӣ доранд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» аз муқаддима, 6 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Дар рисола 27 расм ва 14 ҷадвал пешниҳод гардидааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 160 номгӯи, аз ҷумла 16 асари муаллифони хориҷӣ иборат буда, дар ҳаҷми 184 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзу предмет)-и таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра асоснок карда шудаанд.

Дар боби якуми рисола аз ҷониби муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёт доир ба хусусиятҳои биоэкологӣ, паҳншавӣ, навъҳо ва аҳаммияти хоҷагии анор маълумот оварда шудааст.

Дар боби дуюми рисола диссертант доир ба тавсфи мухтасари шароити табиию ҷуғрофии қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) пешниҳод кардааст. Дар асоси сарчашмаҳои илмӣ доир ба ҷойгиршавии минтақаи таҳқиқот, релеф, хусусиятҳои иқлимӣ, хок, ҳавзаҳои обӣ ва гуногунии наботот маълумоти умумӣ оварда шудаанд.

Дар боби сеюми рисола мавод ва усулҳои таҳқиқот оварда шудааст. Дар рафти таҳқиқот аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ мавод ҷамъоварӣ шудааст. Макони гузаронидани таҳқиқоти доимӣ

(статсионарӣ) ва муваққатӣ дар шакли харита бо аломатгузорӣ ва ишораҳои шартӣ аз ҷониби муаллифи риссолаи илмӣ нишон дода шудааст.

Дар боби чоруми кори илмӣ доир ба таркиби намудӣ ва хусусиятҳои биоэкологии зараррасонҳои анор дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) маълумоти нав оварда шудааст. Муаллиф дар асоси маълумоти бадастоварда муайян намудааст, ки зараррасонҳои анор аз рӯйи мавқеи таснифӣ ба 2 синф (ҳашарот ва тортанакшаклон) 6 қатор, 17 оила, 28 авлод ва 38 намуд мансуб мебошанд. Ҳамчунин дар бораи хусусиятҳои биологӣ, экологӣ, тарзи ғизогирӣ, паҳншавӣ ва осебрасонии 10 намуди зараррасонҳо аз ҷумла: ширинчаи анор, кирмаки Комсток, оташаки анор, гамбусаки тӯронӣ, гамбусаки зарарнок, гамбусаки гарданкӯтоҳ, сафедболаки тамоку, канаи сурхи мевагӣ, тортанакканаи муқаррарӣ. ва канаи анор маълумот додааст. Муаллиф аз рӯйи хусусиятти ғизогирӣ зараррасонҳоро ба 3 гурӯҳ тасниф кардааст: Гурӯҳи якум, монофаг 3 намуд дохил мешаванд, ки 7,9% аз миқдори умумии зараррсонҳоро ташкил медиҳанд. Гурӯҳи дуюм, олигофаг 1 намуд 2,6 %-ро ташкил медиҳад. Гурӯҳи сеюм бошад, полифаг 34 намуд буда, 89,4%-ро ташкил медиҳанд.

Боби панҷуми рисола ба таҳия, коркард ва истифодаи усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳои анор бахшида шудааст. Аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада диссертант маълум намудааст, ки дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ 24 намуди энтомоакарифагҳо дучор мешаванд, ки ба 6 қатор, 9 оила ва 18 авлод мансубанд. Нақши баъзе аз намудҳои энтомоакарифагҳо дар танзими шумораи зараррасонҳои анор дар марҳилаҳои гуногуни инкишоф ошкор карда шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиш муаллиф ошкор кардааст, ки гурӯҳҳои васеъ паҳншудаи энтомоакарифагҳои боғҳои анор ин момохолакҳо (*Coccinellidae*), миридҳо (*Miridae*) ва лигеидаҳо (Lygaeidae) мебошанд.

Дар боби шашум унвонҷӯ натиҷаҳои асоси таҳқиқоти анҷомёфтаро ҷамъбаст кардааст.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯ Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» барои рушди минбаъдаи энтомологияи умумӣ, энтомологияи кишоварзӣ, экологияи ҳайвонот ҳамчун замина аҳаммияти назаррас доранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот барои истифода дар раванди тадриси фанҳои зоологияи бесутунмуҳрадорон, энтомологияи умумӣ, энтомологияи кишоварзӣ, ҳимояи растаниҳо, таҷрибаомӯзии таълимии

саҳроӣ дар факултетҳои биологӣ ва кишоварзии Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода карда мешаванд.

Натиҷаи таҳқиқоти бадастомадаи унвонҷӯ Давлатзода О.М. дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хадамоти фитосанитарӣ ва карантини растаниҳои Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, инчунин ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ аз фанҳои энтомологияи умумӣ, энтомологияи кишоварзӣ, энтомологияи ҷангал, зоология, экологияи популятсионӣ, экологияи ҳайвонот, таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ дар Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонад ба таври васеъ истифода шаванд. Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти анҷомшуда, аз имконияти истифодаи усулҳои самараноки мубориза бар зидди зараррасонҳо барои ба даст овардани ҳосили баланд ифода меёбад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муҳокима гардидаанд. Аз ҷониби унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 30 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Миқдор ва муҳтавои интишорот барои инъикоси натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ кофӣ мебошанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқарраргардида. Автореферат ва диссертатсия, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллифи диссертатсия дар натиҷаиҳои маълумоти бадастоварда муайян кардааст, ки 24 намуди энтомоакарифагҳо дар анорбоғҳои қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) вомехӯрад. Аммо дар бораи самаранокии биологии онҳо аз ҷониби диссертант ба таври мушаххас маълумот оварда нашудааст, агар самаранокии биологии онҳо нишон дода мешуд, боз ҳам кори диссертатсия хубтар мешуд.

2. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе аз хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ мушоҳида карда мешаванд, ки онҳо ислоҳшаванда мебошанд ва ба сифати матни диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ расонида наметавонанд.

3. Унвончӯ дар бораи ҳашарот ва канаҳои зараррасони қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо натиҷа ва маълумоти назарраси илмӣ ба даст овардааст. Хуб мебуд оид ба паҳншавӣ ва зараррасонҳои боғҳои анори дар тамоми қаламрави Тоҷикистон мавҷудбуда маълумот пешниҳод карда мешуд.

4. Аз ҷониби диссертант дар охири бобҳои диссертатсия хулосаи мушаххас доир ба ин ё он масъала равшан ифода наёфтааст. Дар охири бобҳои диссертатсия хулосаи мухтасар оварда мешуд, аз ин метавонист боз ҳам моҳияти кори диссертатсионӣ бештар тақвият ёбад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббатро коста накарда, онҳо барои боз ҳам беҳтар гардонидани сифати диссертатсия нигаронида шудаанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расонида шуда, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи
директори Институти ҳифзи растанихои
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон **Қодирзода Фирдавс Тағойбек**

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Гипрозем- 17.
Тел.: +(992) 555559279;
Почтаи электронӣ: instituti.khifz.rastani-500@mail.ru
«17» 11 соли 2026

Имзои Қодирзода Ф.Т.-ро тасдиқ менамоям:
Нозири кадрҳо ва корҳои махсуси Институи ҳифзи растанихои АИКТ
Ҷалилов А.Ч.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Гипрозем- 17.
Тел.: (992) 555551670
«17» 11 соли 2026